## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Саидова Мунавар Хамидовна** ба диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзӯи **«Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)** пешниҳод шудааст

### Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01-Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)ба бандҳои: «2. Тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 26. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 29. Таъмини сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 33. Такмили ташкил ва идоракунии самтҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои савдо, субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ» мувофиқат мекунад.

### Мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Дар раванди расидан ба ҳадафҳои стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 нақши хизматрасонӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт хело назаррас мегардад. Вобаста ба ин таъминоти саривақтии талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои маишӣ мубрам ҳисобида шуда, аз ташкили оқилона ва такмили механизми хизматрасонӣ бо назардошти истифодаи усулҳои муосир ва технологияи рақамӣ алоқаманд буда, имконият медиҳад барои беҳдоши сифат ва самаранок истифода намудани иқтидори корхонаҳои хизмати маишӣ шароити зарурӣ фароҳам оварад.

Аз таҷриба бар меояд, ки имрӯз масоили зиёде нисбати такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти маҳдудияти

захираҳои молиявӣ вобаста буда, таҳқиқи хусусиятҳои ҷойдошта ва таъсири омилҳоро ба фаъолияти самараноки хизматрасони маишӣ ба аҳолӣ тақозо мекунад. Мутаассифона масъалаҳои зиёде ҳангоми омӯзиш мавҷуданд, ки таҳқиқи амиқро бо назардошти такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар назар дорад. Инчунин, таҳия ва рушди сиёсати муосири хизматрасони ба аҳолӣ ва такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ аз аҳаммияти баланди амалӣ ва назариявии ин самт гувоҳӣ медиҳад.

Аз тарафи дигар ҳалли мушкилоти такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси коркард ва истифодаи механизмҳои муносиб, зарурати таҳқиқи ҷабҳаҳои такмили ин самтро дар шароити муосири рақамикунонии иқтисодиёт тақозо мекунад. Бо назардошти ин мубрамии мавзуи интихобшудаи диссертатсионии Исматуллои Шерхон бебаҳс буда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

### Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ доир ба такмили механизми хизматрасониҳои маишӣ ифода меёбад, ки он ба таҳияи платформаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои истеҳсолкунандагони хизматрасониҳо дар формати вақти воқеӣ равона шудааст, ки баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии муассисаҳои соҳаи хизматрасониҳои маишӣ дар муҳити иқтисодиёти рақамӣ имконият медиҳад, иборат аст.

Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои нававарии илмии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

1.дар асоси таҳқиқ асосҳои иқтисодӣ-ташкилии фаъолият ва рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар сохтори иқтисоди бозорӣ дар марҳилаҳои муосир баҳо дода шуда, хусусиятҳо ва мушкилоти рушди бозори хизматрасонии маишӣ, инчунин, таҷрибаи хориҷӣ, мутобиқсозӣ ва истифодаи он ҳангоми таъмини хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, мавриди таҳқиқ ва баҳрабардорӣ қарор дода шудааст;

2. таҳлили вазъи муосир ва рушди бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси истифодаи маълумотҳои зарурӣ, муайян ва беҳтаргардонии сифати онҳо, арзёбии омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, техникӣ, технологӣ, ҳудудӣ, омилҳои вақт, тағйироти

мунтаззами муҳити рақобатнокӣ ва фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ таъсиррасон муайян ва баҳо дода шудааст;

3. дар диссертатсия ҷиҳати арзёбии талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои суроғавӣ нисбати таъсири омилҳои гуногун, дар асоси гузаронидани пурсиши иҷтимоии аҳолӣ бо истифода аз усулҳои экспертӣ ва таҳлилӣ сурат гирифтааст;

4. механизми танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ бо мақсади беҳтар кардани сифати онҳо ва самаранокии идоракунӣ дар сатҳи маҳаллӣ такмил дода шуда, ҷиҳати ташкили ҷойгоҳҳои дурусти корхонаҳои хизматрасонии маишӣ, тақвияти нақши мақомоти маҳаллии ҳокимият ва интиқоли функсияҳои идоракунӣ дар сатҳи маҳаллӣ, ҷиҳати дастгирии субъектҳои соҳибкории хурд, бахусус дар соҳаи хизматрасониҳои маишӣ дар шаҳру вилоятҳо ба анҷом расонида шудааст;

5. дар рисола самтҳои асосии такмилёбии механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишвар бо дарназардошти хусусиятҳои рушди соҳаи хизмати маишӣ дар раванди татбиқи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" муайян ва асоснок гардидааст;

6. Бо истифода аз механизми амсиласозии иқтисодӣ-риёзӣ таҳлили таъсири рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ гузаронида шуда, натиҷагирии ҳаматрафа ба сомон расонида шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Муаллиф як қатор масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалии такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳаллу фасл кардааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмӣ оид ба такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳо ва методологияи баҳодиҳӣ ба самаранокии хизматрасонӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, арзёбии вазъи муосири рушди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии хизматрасонӣ тавассути истифодаи технологияҳои муосир, инчунин, дар асоси гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст. Ин баҳогузорӣ бо эътимоднокии баланди манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардшуда оид ба мавзуи

таҳқиқшуда, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар диссертатсия мавҷуданд, бо чопи натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфузи илмӣ тасдиқ карда мешаванд.

Аз ин рӯ, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки муаллифи диссертатсия Исматуллои Шерхон аз рӯйи мақсад ва вазифаҳои гузоштааш бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва коррелятсионӣ-регрессионӣ, таълифи таснифҳо ва ҷадвалҳои таҳлилӣ, гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии экспертӣ, қаторҳои динамикӣ, усулҳои таҳлили омилӣ ва PEST-таҳлил, баҳодиҳии иқтисодӣ-оморӣ ва кор бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он ба амиқтар гардидани асосҳои назариявӣ ва методии такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳанд ва самтҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматраосниҳои маишӣ ба аҳолӣ ошкор карда мешаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти илмию амалии муаллиф оид ба такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми тавсияи пешниҳодҳо оид ба такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он истифода намудан мумкин аст. Баъзе аз тавсияҳоро оид ба такмили хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ метавон дар амалия тадбиқ кард.

**Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти тақризшаванда** дар он ифода мeёбад, ки муқаррароти назариявӣ, методӣ, хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда барои коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, таҳияи чорабиниҳои давлатӣ замина гузошта, барои такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузоштошуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт саҳми худро

гузоштааст. Унвонҷӯ мустақилона натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои амалиро доир ба хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта дар давраи солҳои 2019-2023 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд. Маълум гардид, ки муқаррарот ва натиҷаи асосии таҳқиқоти мазкур дар 11 мақолаи илмии нашршудаи муаллиф ба табъ расидаанд, ки аз ин 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида чоп шудаанд.

Натиҷаҳо ва нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия дар ҷараёни таълим ва хизматрасониҳои Парки технологии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд.

Мо итминон ҳосил кардем, ки диссертатсия вобаста ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳоро дар бар гирифта, он аз 180 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шудааст.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ (саҳ.4-19), фарогири баррасии мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методии тадқиқот, ҳадафи объект, мавзуъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот мебошад. Ҳамчунин, дар муқаддима нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия, иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он ва интишори натиҷаҳои диссертатсия нишон дода шудааст.

Дар боби аввали рисола "Асосҳои назариявӣ-методии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ" (саҳ.20-54) таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дида баромада шуда, хусусиятҳои хоси хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва мушкилоти он арзёбӣ, инчунин, таҷрибаи хориҷии

хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба сомон расонида шудааст.

Аз таҳлили зербанди аввали боби якуми рисола бар меояд, ки дар асоси омӯхтани асосҳои назариявӣ ва методии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дида баромада шудааст ва баъдан ин натиҷаҳо имконият додаанд, ки такмили ин механизм дар шароити имрӯза дар асоси баррасии усулҳои муосир мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар сатҳи зарурӣ аз тарафи муаллиф хусусиятҳои хоси хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва мушкилоти он дида баромада шуда, таркиби гурӯҳҳои субъектони хоҷагидорӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ арзёбӣ шуда, меъёрҳои таснифи хизматрасонӣ, хусусиятҳои бозори хизматрасонии маишӣ ва принсипҳои асосӣ баррасӣ шудааст. Инчунин, талаботи муқарраршуда ҷиҳати таъмини хизматрасонии маишӣ баҳо дода шуда, қайд карда шудааст, ки барои истеъмолкунандагони комплекси маркетингӣ, хизматрасонии маишӣ ҳамчун раванди технологӣ аҳаммияти калон дорад.

Боиси дастгирӣ натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи хориҷии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, ки аз тарафи муаллиф ба анҷом дода шудааст ва истифодаи он дар мамалакати мо барои рушди тиҷорати электронӣ имконпазир аст, ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуюми рисола “Баҳодиҳии вазъи муосири хизматрасонии маишӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (саҳ.55-104) таҳлил ва баҳодиҳии вазъи муосири хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ гузаронида шуда, омилҳои ба хизматрасонии маишии аҳолӣ таъсиррасон муайян карда шуда, баҳодиҳии сифати хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар зербоби аввали боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ таҳлил ва баҳодиҳии вазъи муосири хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси арзёбии тамоюли шумораи аҳолӣ аз рӯйи минтақаҳои, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди хизматҳои пулакӣ аз рӯйи тамоми воситаҳои фурӯш, тақсимот оид ба ҳаҷми амалӣ намудани хизматҳои маишӣ ба аҳолӣ аз рӯйи шаклҳои моликияти бахшҳои соҳавӣ, шумораи шаҳрвандони бо фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғулбуда, тамоюли тақсимот оид ба ҳаҷми амалӣ намудани хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ, ҳаҷми иҷрои ин хизматрасониҳо ба аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Дар сатҳи зарурӣ дар зебоби дуюми ин боб омилҳои ба хизматрасонии маишии аҳолӣ таъсиррасон дар асоси таҳқиқи номгӯйи хизматҳои маишии барои аҳолӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок, тақсимоти хизматрасонии маишӣ аз рӯйи дараҷаи афзалияти аввалиндараҷаи онҳо барои аҳолии камбизоат, омилҳое, ки ҷиҳати дастрасии хизматрасонии маишӣ ба истеъмолкунандагон, махсусан, ба қисми аҳолии осебпазир монеа мегарданд, инчунин, омилҳо ва шароитҳое, ки бозор ва хизмати маиширо ташаккул медиҳанд ба сомон расонида шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд.

Дар ин радиф ақидаи муаллиф нисбати ташаккул ва рушди бозори мукаммали хадамоти хизматрасонӣ, ки заминаи муайяни иқтисодиро ҷудо намудааст боиси дастгирӣ мебошад. Ба ақидаи мо баҳодиҳии сатҳ ва дараҷаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии минтақаҳо дар асоси таҳлили PEST дар сатҳи зарурӣ гузаронида шудааст.

Мо пешниҳоди муаллифро нисбати принсипҳои ҷойгиркунии муносиби корхонаҳои соҳаи хизматрасонии маишӣ ва ҷудо намудани омилҳои беруна ва дохила, ки ба нишондиҳандаҳои молиявию хоҷагидории ташкилотҳои хизматрасонии маишӣ таъсир мерасонанд дастгирӣ менамоем

Дар зербоби охири ин боб баҳодиҳии сифати хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ саривақтӣ мешуморем. Дар ин радиф дар ин зербоб низоми принсипҳо барои сохти амсилаи идоракунии сифат, арзёбии занҷираи сифат, нишондиҳандаҳои сифати хизматрасонӣ, арзёбии дурнамои кори марказҳои ваколатдори хизматрасонӣ, ҷудо намудани рӯйхати корҳо ҳангоми таъсиси бисёрхизматрасонии маишӣ, амсилаи шабакавӣ барои таъсиси низоми идоракунии сифат дар бисёрхизматрасонию баҳодиҳии пешбинишудаи коршиносӣ ва ҳисоббарории давомнокии кор ба анҷом дода шудааст.

Дар боби сеюми рисола " Роҳҳои такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ" (саҳ.105-146) танзими ва дастгирии давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ арзёбӣ карда шуда, самтҳои такмилдиҳии механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт баҳо дода шуда, амсиласозии иқтисодӣ-риёзии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ вобаста ба рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба сомон расонида шудааст.

Аз баррасии танзим ва дастгирии давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бар меояд, ки арзёбии ин механизм дар асоси далелҳо ҷиҳати иштироки давлат дар соҳаи мазкур, баррасии самтҳои асосии ҳамкориҳои

мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ, фишангҳои танзими тараққиёти соҳаи хизмати маишӣ, таснифи пешниҳодгардидаи усулҳои танзими сатҳҳои гуногуни идоракунӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар рисола дар сатҳи зарурӣ самтҳои такмилдиҳии механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар асоси таҳқиқи сохтори корхонаҳои хизматрасонии маишӣ, арзёбии воситаҳои механизми идоракунии рушди соҳаи хизматҳои маишӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, пешниҳоди нақшаи умумии меъмории ба хизматрасонӣ нигаронида шуда, ба инобатгирии самтҳои асосии рушди "Иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба анҷом дода шудааст.

Дар зербоби охирини боби сеюм амсиласозии иқтисодӣ - математикии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ вобаста ба рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба анҷом дода шудааст. Натиҷаҳои амсилаи иқтисодӣ-математикӣ оид ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дурустии кори муаллифро баҳо медиҳанд.

Дар хотимаи диссертатсия инчунин хулосаҳои асосӣ, пешниҳод ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд (саҳ. 147-153).

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия дар асоси талаботҳои "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои тақризшаванда" омода гардида, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки дар шароити имрӯза барои татбиқи яке аз ҳадафҳои стартегии кишвар, ки такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ

дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт буда, коркардҳои ӯ дар масъалаи рушди соҳаҳои гуногуни соҳаи хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он мувофиқи мақсад мебошад.

**Эроду тавсияҳо барои беҳтар намудани сатҳи назариявию амалии диссертатсия**

Дар диссертатсияи тақризшаванда дастовардҳои назарраси методӣ, назариявӣ ва амалии бадастовардаи унвонҷӯ хеле зиёд буда, барои дифои диссертатсияи номзадӣ кофӣ мебошанд. Ҳамзамон, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия дар сатҳи муайян асосҳои назариявию методии таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ бо назардошти таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ ба анҷомдода шуда, сурат гирифтааст. Мутаассифона дар раванди омӯзиши заминаҳои назариявӣ ва методӣ, на ҳамаи ҷабҳаҳо ва масоили мавҷуда дар асоси таҳқиқи таҳаввулоти хизматрасонии маишӣ ба ҳамаи қиршҳои аҳолӣ бо назардошти арзёбии консепсияи муосири такмили хизматрасониҳои маишӣ ва ба вуҷудоии тағйиротҳои трансформатсионӣ ба пуррагӣ омӯхта шудааст.

2. Дар рисола таҷрибаи хориҷии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт вобаста ба шароити муосири рушди устувори иқтисодӣ ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳӣ қарор дода нашуда, пешниҳодҳои асоснок нисбати истифодаи ин таҷриба дар минтақаҳои Тоҷикистон асоснок нагардидааст.

3. Ба ақидаи мо дар рисола бояд ҳангоми таҳлил ва баҳодиҳии вазъи муосири хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ баррасии тағйирёбии сохторӣ, амали намудани механизми гуногуншаклии моликият ва таъминоти корхонаҳои хизматрасон бо воситаю захираҳои инноватсионӣ ҷойи муносиб ҷудо карда мешуд. Мутаассифона ба ҳалли ин масъала диққати зарурӣ дода нашудааст.

4. Дар рисола ҳангоми баҳодиҳии сифати хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ арзёбии нишондиҳандаҳои асосӣ ва раванди ҳавасмандгардонии хизматрасонӣ пурра сурат нагирифтааст. Инчунин омилҳое, ки ба рушди иқтидори инноватсионии корхонаҳои хизматрасонии маишӣ таъсир мерасонанд, мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

5. Дар рисола ҷойи махсус ба танзим ва дастгирии давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дода шудааст. Мутаассифона арзёбии

пурраи танзими давлатии механизми рушди бахши хусусӣ дар ин соҳа ва самаранокии он дар шароити кунунӣ дур аз таҳқиқ мондааст.

6. Дар рисола арзёбии самтҳои такмилдиҳии механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дида баромада шудааст. Мутаасифона ин ҳангоми баҳодиҳӣ бартарияти истифодаи низомҳои муосири омодакунӣ ва таъминоти кадрӣ, инчунин, ҳавасмандгардони кормандон пешниҳод нагардидааст.

7. Дар рисола амсиласозии иқтисодӣ-риёзии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ вобаста ба рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар сатҳи муайян арзёбӣ гардидааст. Мутаассифона на ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти корхонаҳои хизмати маишӣ ва соҳибкорони инфродӣ ҳангоми амсиласозӣ мавриди таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст.

8. Диссертатсия дорои баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва орфографӣ мебошад. Инчунин, баъзе аз муқарраротҳоро бо назардошти баланд бардоштани механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт равшану аниқ кардан зарур аст.

Новобаста ба ин эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии кори такризшавандаро коста намегардонанд ва бештари онҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз ин рӯ, рисолаи Исматуллои Шерхон дар мавзӯи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» таҳқиқоти мукаммали дар сатҳи баланди назариявию методӣ ва амалӣ анҷомёфта буда, мазмуну мундариҷа, хулосаю пешниҳодот ва навгониҳои илмии он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ва авторефарати он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30.06.2021).** Дисссртатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» ҳамчун кори илмии тахассусии анҷомшуда ҳисобида, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро муҳим ва дорои аҳаммияти илмию амалӣ тавзеҳ додан мумкин аст.

Автореферат мазмуни асосии дисссртатсияро ба таври пурра инъикос мснамояд. Таълифоти муаллиф аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои таҳқиқ шаҳодат медиҳад, ки дар асоси талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,№267, аз

30.06.2021) таҳия гардидааст. Инчунин, автореферат таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушахассоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳанд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои илмии бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ-методӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақвият медиҳанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи “Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори
кафедраи менеҷмент, маркетинг ва
иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Саидова М.Х.

Имзои д.и.и., профессор Саидова М.Х.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2. Почтаи электронӣ: saidova -60@mail.ru
Тел:+992934444106.